**САФОРАТИ ЧОПОН ТОҶИКИСТОН**
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

**EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN**
80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel.: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

## Изҳороти матбуотӣ

# Ҳукумати Ҷопон соҳаҳои маорифро дастгирӣ мекунад

## 2 созишномаи кумаки бебозгашт бо маблағи 263,496 доллари ИМА ба имзо расид

**Душанбе, Тоҷикистон**

3 марти соли 2026 имзогузории созишномаҳои ду лоиҳаи кумаки бебозгашт баргузор гардид. Созишномаҳо байни Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, **хонум Кэйко ФУРУТА** ва намояндагони ташкилотҳои манфиатбаранда ба имзо расиданд. Маблағи умумии кумаки бебозгашти аз тарафи Ҳукумати Ҷопон ҷудошуда **263.496 доллари ИМА** ташкил медиҳад.

Дар зер рӯйхати ду лоиҳаи нав дар доираи Барномаи кумаки бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ (GGP) ва намояндагони ташкилотҳои манфиатбаранда, ки шартномаро имзо кардаанд, пешниҳод мегардад:

- **«Лоиҳаи бунёди мактаби нав № 57 дар деҳаи Деҳлолои ноҳияи Муминобод»** бо маблағи **144,016 доллари ИМА,** аз тарафи **ҷ-би АМИРЗОДА Сайвали,** раиси ноҳияи Муминобод;

- **«Лоиҳаи бунёди мактаби нав № 24 дар деҳаи Дашти ноҳияи Роштқалъа»** бо маблағи **119,480 доллари ИМА,** аз тарафи **ҷ-би САФАРЗОДА Лашкар,** раиси ноҳияи Роштқалъа;

Татбиқи лоиҳаҳои сохтмони мактабҳои нав имкон медиҳад, ки барои хонандагони ин деҳаҳо шароити бехатару муосири таълим фароҳам оварда шавад ва инчунин ба беҳтар гардидани сифати муҳити таълимӣ дар маҳалҳои аҳолинишини дурдасти кишвар саҳми назаррас гузорад.

Дар рафти суханронӣ, **Сафир ФУРУТА** қайд кард, ки ҳукумати Ҷопон пешбурди самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ бо Тоҷикистонро, ки дар мулоқоти сатҳи олӣ миёни Ҷопон ва Тоҷикистон дар ҳошияи нахустин саммити Муколамаи «Осиёи Марказӣ плюс Ҷопон» дар Токио моҳи декабри соли гузашта мувофиқа шуданд, фаъолона идома медиҳад. Дар суханронӣ инчунин қайд карда шуд, ки Ҷопон ҳамчун дӯсти хуби Тоҷикистон дар тӯли зиёда аз 30 сол аз замони таъсисёбии муносибатҳои дипломатӣ ба мардуми тоҷик дар соҳаҳои гуногун кумак мерасонад

Дар фарҷоми сухан, **хонум Кэйко ФУРУТА**, изҳори умедворӣ карданд, ки лоиҳаҳои мазкур бомуваффақият амалӣ гардида ба беҳтар шудани сифати зиндагии сокинони маҳаллӣ таъсири мусбат хоҳанд расонд.

Манфиятбарандагони ду лоиҳа ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон барои дастгирӣ изҳори миннатдорӣ карданд.

*Кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ “GGP” тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад, ки ба мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешаванд. Аз соли 1996 то инҷониб, дар доираи кумакҳои бебозгашти “GGP” **471** лоиҳа бо маблағи умумии **$39,2** миллион доллари ИМА барои рушди Тоҷикистон амалӣ шудааст.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html*





